# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи **«Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

Рушду нумуи таҳқиқоти таърихи фалсафа дар замони муосир аз мубрамтарин самти илми иҷтимоӣ ба шумор меравад. Зеро маҳз ба ҳамин восита сайри таҳлилии фикрии ҷомеа муайян шуда, таҳаввули мусбату манфии хотираи таърихӣ ва пешрафти фикрии башар равшан мегардад. Бинобар ин, дар Тоҷикистони муосир ба инкишофи илми ватанӣ аҳаммияти хоса дода, таҳқиқоти афкори фалсафӣ-мантиқии миллат тақвияти ёфта, таҳқиқоти густардаи ҷанбаҳои гуногуни таърихи фалсафаи тоҷик рушд карда истодааст. Мубрамияти таҳқиқоти Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа пеш аз ҳама дар ҳамин ифода меёбад.

Муаллиф масъалаи асосии таърихи мантиқ ва фалсафа – рушду таҳаввули тафаккури мантиқӣ ва низоми маърифат дар андешаҳои мутафаккиронро таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои онро равшан менамояд. Ӯ ба баҳсҳои илмию методологии атрофи мантиқ ва фалсафаи асримиёнагии Шарқ ворид шуда, мақому мартаба ва ҳувияти фалсафаи форсу тоҷикро дар баробари фалсафаи юнони бостон, мустақилияти назариявии сохторӣ, мақсад ва методологияи хоси онро баррасӣ намудааст. Ин ҳадафро ӯ дар заминаи таҳқиқ ва баррасии муқоисавии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи мафҳуму қазия, қиёсу бурҳон ва маърифат ба роҳ мондааст.

Вазифаҳои таҳқиқотро возеҳу равшан ифода намуда, муаллиф таъкид мекунад, ки ҳадафи асосии таҳқиқ – таҳлили мукаммалу муқоисавии таълимоти мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, муайян намудани ҷойгоҳи мутафаккирон дар рушди илмҳои мантиқ ва фалсафа мебошад. Диссертант таҳқиқоташро аз муайян кардани заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатӣ оғоз карда, зимнан, ба омӯзиши амиқи осори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мепардозад. Инчунин, ба таҳлили муфассали мафҳум ва категорияҳои асосии мантиқӣ (мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон) дар осори ду мутафаккир, муайян намудани вижагиҳои назарии онҳо нисбат ба маърифати илмӣ ва усулҳои исбот, муайян кардани таъсири фалсафаи Юнони қадим, бахусус, таълимоти Арасту ба низоми мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо баррасии шеваи қабул, бозсозӣ ва мутобиқсозии ин таълимот дар фазои илмии асримиёнагии Шарқ ва баъд аз он, арзёбии мантиқии

забонӣ ва истилоҳсозии илмии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, муқоисаи назариявӣ ва методологии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳияи шеваҳои тасниф ва моделҳои таҳлилии маърифат ва бурҳон, муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мепардозад.

Омӯзиши афкори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамчун объекти таҳқиқот қарор дода шуда, мавзуи он муайян кардани мазмун ва хусусиятҳои низоми мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар заминаи осори фалсафӣ ва таърихии онҳо ифода ёфтааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқоти мазкур дар ифодаи илмии навгониҳои он мебошад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ барои аввалин бор ба даст омадаанд. Аз ҷумла, ба таври том нақш ва мақоми муҳити илмии фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма» дар ташаккули таълимоти мантиқӣ маърифатию фалсафии асримиёнагӣ ҳамчун дорои нақши асосӣ муайян гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ, исбот мекунад, ки Форобӣ ва Тусӣ дар мураттаб сохтани истилоҳот ва мақулоти фалсафию мантиқии шарқӣ дар заминаи мафҳумҳои юнонӣ нақши барҷаста дошта, заминаҳои забонӣ ва консептуалии онро барои оянда гузоштаанд. Ғояҳои илмӣ-методологии мантиқи Арастуро таҳлил карда, нақш ва таъсири онро ба ташаккули назарияҳои ҳар ду мутафаккир ҳамчун таъсири ҷиддӣ баррасӣ намудааст. Бо истифода аз таҳлили контентӣ ва герменевтикӣ ғояҳои асосии мантиқӣ-маърифатию фалсафии Форобӣ ва Тусиро ошкор карда, барои аввалин бор муайян кардааст, ки таълимоти мантиқии ҳар ду мутафаккир дар шакли муқоисаи фалсафӣ-мантиқӣ таҳлил шуда, дар он мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат нақши марказӣ доранд. Муаллиф инчунин, бори аввал исбот менамояд, ки таълимоти Форобӣ ва Тусӣ оид ба мақулаи «бурҳон», хусусияти нав ва муқоисавӣ дошта, барои муҳити илмии Тоҷикистон ва кишварҳои пасошуравӣ таҷрибаи тоза маҳсуб мешавад; - иртиботи мустақими ҷанбаҳои маърифатии таълимоти Форобӣ ва Тусӣ дар бо низоми мантиқии онҳо ва бо назардошти сохтор ва функсияҳои маърифатӣ равшан карда шуда исбот кардааст, ки Муаллими сонӣ кори мутобиқсозии мантиқи юнониро ба шароити замони худ ба роҳ монда аст, ки дар илми замонаш таҳаввулоти навро ба вуҷуд овардааст. Нисбат ба афкори мантиқии Насируддини Тусӣ низ исбот карда мешавад, ки заминаи таҳқиқи муосири мантиқро бо назардошти фалсафаи иҷтимоӣ фароҳам овардааст. Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада саҳми эҷодкоронаи муаллифро дар омӯзиши низоми мантиқӣ ва маърифатию фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ифода намуда, заминаи илмии муҳим

барои таҳқиқоти минбаъда дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравaнд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ сифати навгароёна дошта қадами тозае дар илми фалсафаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, муаллиф дар таҳқиқоти худ нишон дода аст, ки ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии мутафаккирони мазкур мустақиман ба муҳити фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ вобаста буда, ҳадафи Форобӣ ва Тусӣ афкори юнониёнро ба талаботи замони худ мутобиқ кардан будааст, ки дар натиҷа мантиқ дар Шарқ на танҳо бо ворид кардани истилоҳот, балки нақши боризе дар эҳёи ақлгароӣ ва озодии фикр дошта аст. Муаллиф таъсиррасонии афкори Юнони қадим, бавижа, таълимоти Арасту ба консепсияҳои мантиқии Форобӣ ва Тусиро исбот карда, онро дар шакли бархурди интиқодӣ ва эҷодкорона, бо пешниҳоди низоми нави фикрӣ баррасӣ кардааст. Собит шуда аст, ки таъсири Юнон бештар нақши ҳидояткунанда дошта, мутафаккирони тоҷик бо такя ба заминаҳои худӣ анъанаи мустақили мантиқиро ба вуҷуд овардаанд. Форобӣ ва Тусӣ истилоҳоти юнониро на танҳо тарҷума, балки бо бозсозиҳо забони илмии Шаркро такмил додаанд. Форобӣ дар доираи луғатшиносӣ ва мантиқ истилоҳоти нав офарид, Тусӣ бошад, шабакаи мураккаби мақулаҳои мантиқиро таҳия намуд. Форобӣ бо такя ба «Органон» низоми маърифати ақлро таҳия кард ва бурҳонро воситаи дарёфти ҳақиқат донист. Тусӣ ин равишро густариш дода, бурҳонро дар робита бо ахлоқ, калом ва фалсафа таҳлил намуд. Бори аввал ғояҳои мантиқӣ-забоншиносии Форобӣ ва Тусӣ ба таври муқоисавӣ ва мустақил таҳлил шуданд. Форобӣ дар асоси анъанаи юнонӣ, вале дар доираи мактаби худӣ, равиши ақлгароиро ташаккул дода, нахустин бор мафҳуми илм ва мантиқро дар як низоми маърифатӣ ба ҳам пайваст намуд. Нақши Насируддини Тусӣ низ дар ин самт барҷаста буда, ӯ низоми мукаммали мантиқро таҳия карда, тамоми бахшҳои онро дақиқан тавсиф менамояд, қиёсро бо истидлоли ахлоқӣ ва илмӣ муттаҳид намуда, ба мантиқ иртиботи иҷтимоӣ додааст. Муаллиф бо далелҳои асоснок исбот намудааст, ки мутафаккирони мазкур бори аввал бурҳонро ҳамчун мақулаи марказии низоми мантиқии худ қарор дода, онро баландтарин шакли исбот ва воситаи таҳкими маърифати илмӣ мешумориданд. Агар Форобӣ онро бо фалсафа ва ахлоқ пайваст намудааст, Тусӣ бошад бо матолиби илоҳӣ ва калом низ баррасӣ намуд. Зимнан, бурҳон дар осори онҳо ҳам мақоми мантиқӣ ва ҳам арзиши маърифатӣ-ахлоқӣ пайдо карда, имкони таҳлили сохтор, шаклҳои қиёсӣ ва татбиқи бурҳон дар табиат, ахлоқ, фалсафа ва дин ба таври муқоисавӣ фароҳам овардааст. Инчунин, муаллиф пайвандии таълимоти Форобӣ ва Тусиро дар бораи маърифатро бо низоми ахлоқӣ ва иҷтимоӣ собит карда, пайгирии ҳарду мутафаккир аз маърифатро аз сатҳи мантиқӣ то ахлоқӣ ошкор ва заминаи афкори гуманистии онҳоро муайян кардааст.

Ба муалиф даст додааст, ки дар муқоисаи низоми мантиқии Форобӣ ва Тусӣ, тафовутҳои муҳимро нишон диҳад. Аз ин рӯ, ба таври хулоса диссертант изҳор доштааст, афкори фалсафӣ-мантиқии Форобӣ ва Тусӣ на танҳо ҳомили мероси гузашта, балки созандагони мантиқ дар фазои илмии Шарқ мебошанд.

Боиси зикри хос аст, ки сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ буда, бо ҳалли масъалаҳои илмии мавриди назар тавсиф меёбанд. Сохтори кор, ки аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ параграф, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ҷавобгуи талабот нисбат ба таҳқиқоти докторӣ буда тибқи талаботи КОА ва шиносномаи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа таълиф шудааст. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯйро дар бар гирифта, ҳаҷми умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаб бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Номи китобҳои "Эҳсо-ул-улум", "Асос-ул-иқтибос" фаҳмо ва аллакай омавӣ шудаанд, вале хуб мешуд, ки дигар китобҳо чун "Ал-мусиқо ал-кибир", "Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ" дар фишурдаи диссертатсия бо забони тоҷикӣ барои фаҳмо шуданашон тарҷума мешуданд.
2. Дар таҳқиқот хуб мешуд, ки зодгоҳ ва ҷойгоҳи илмии Форобӣ, ки имрӯзҳо баҳсбарангез аст, маълумоти дақиқу мушаххас оварда мешуд.
3. Диссертант дар саҳифаи 50 автореферат аз нигоҳи Форобӣ 4 навъи ақл – ақли ба қувва, ақли ба феъл, ақли мустафод, ақли фоилро пешниҳод кардааст. Албатта, ин хеле мавзуи ҳассос ва саривақтӣ аст, беҳтар мебуд агар онҳоро муфассалтар бо мисолҳо шарҳ медоданд.

Боиси таъкид аст, ки эродҳои мазкур ба шакли мубоҳисаи илмӣ гирифта шуда, қиммат ва аҳаммияти таҳқиқотро коста намекунанд ва

баръакс дар таҳияи монографияи муаллиф саҳми арзанда ва тартиботи дурусти корро муҳайё месозанд.

Дар хулоса метавон қайд кард, ки диссертатсияи пешниҳодшудаи Сулаймонов Б.С. ба тамоми талаботи пешниҳодшуда нисбат ба таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, ифодагари сатҳи баланди омодагии муаллиф буда, дониши амиқи ӯро дар соҳаи таърихи фалсафа, мантиқ ва таърихи он, таърихи афкор ва тафаккури илмии халқи тоҷик ба таври возеҳ нигон медиҳад. Диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдихсонович дар мавзуи дар мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа сазовори баҳои баланди мусбат буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафаи Донишгоҳи
давлатии Кулоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Ибодов Маҳмадулло Орифович

Суроға, 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, шаҳри Кулоб, кӯчаи С.Сангов 145
Тел.: (+992) 918-21-84-46

«Имзои профессор Ибодов М.О.-ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Давлатов М.А.

«__» ________ соли 2026

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj; Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.